# МАЪЛУМОТНОМАИ АСОСНОККУНӢ
## ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯйхатҳои моддаҳои сахттаъсир ва моддаҳои заҳрнок, инчунин миқдори кам, начандон калон ва калони моддаҳои сахттаъсир барои мақсадҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯйхатҳои моддаҳои сахттаъсир ва моддаҳои заҳрнок, инчунин миқдори кам, начандон калон ва калони моддаҳои сахттаъсир барои мақсадҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав аз ҷониби Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки ҷиҳати иҷрои талаботи банди 41-и Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллӣ оид ба назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030 дар солҳои 2021-2025 ва бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи ҳифзи саломатӣ ва таъмини муомилоти қонунии моддаҳои сахттаъсир ва заҳрнок, инчунин бо мақсади пешгирии суиистеъмоли он, аз ҷониби Агентӣ дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Рӯйхатҳои моддаҳои сахттаъсир ва моддаҳои заҳрнок, инчунин миқдори калони моддаҳои сахттаъсир барои мақсадҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2022, №421 тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дорад.

Айни замон, бинобар сабаби муайян набудани миқдори кам ва начандон калони моддаҳои сахттаъсир ҳангоми бандубаст намудани кирдори ҳуқуқвайронкунандаҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мушкилот дучор меоянд. Яъне, зимни аз муомилоти ғайриқонунӣ мусодира гардидани моддаҳои сахттаъсир, барои банду баст кардани кирдори шахси ҳуқуқвайронкунанда, миқдори кам ва начандон калони моддаҳои сахттаъсир муайян нагардидааст.

Аз ин рӯ, зарурати дар таҳрири нав таҳия намудани Рӯйхатҳои моддаҳои сахттаъсир ва моддаҳои заҳрнок, инчунин миқдори калони моддаҳои сахттаъсир барои мақсадҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯйхатҳои моддаҳои сахттаъсир ва моддаҳои заҳрнок, инчунин миқдори кам, начандон калон ва калони моддаҳои сахттаъсир барои мақсадҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав таҳия шуда, дар онҳо масъалаҳои зерин пешбинӣ мегарданд:

Замимаи 1. Рӯйхати моддаҳои сахттаъсир барои мақсадҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Замимаи 2. Рӯйхати моддаҳои заҳрнок барои мақсадҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Замимаи 3. Миқдори кам, начандон калон ва калони моддаҳои сахттаъсир барои мақсадҳои моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ин ташаббус муомилоти озоди чунин моддаҳоро маҳдуд намуда, барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони ба муомилоти ғайриқонунии онҳо машғулбуда, дар оянда заминаи ҳуқуқӣ фароҳам меорад.

Лозим ба ёдоварист, ки вақтҳои охир истеъмоли ғайритиббии моддаҳои сахттаъсир аз ҷониби наврасону ҷавонон, аз он ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар нигароникунанда буда, ин вазъият андешидани чораҳои саривақтии ҳуқуқиро тақозо менамояд.

Лоиҳаҳои зикршуда бо як қатор вазорату идораҳо мувофиқа гардида, ҳангоми коркарди дубора бо назардошти таклифу эродҳои пешниҳоднамудаи онҳо такмил дода шуданд.

Тибқи бандҳои 13, 14 ва 15 Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014, №355 тасдиқ шудааст, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаи зикршуда гузаронида шуда, дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор нагардид.

Лоиҳаи зикршуда ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, пас аз қабул гардидани он заминаи ҳуқуқӣ барои аз эътибор соқит донистани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2022, №421 – ро ба миён оварда, аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Агентии назорати маводи нашъаовари назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон